**ХУЛОСАИ**

**КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ)**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҳайати доктoрони илмҳои таърих Қурбонзода Хоналӣ, Қурбонова Ширин Исмоиловна, Кабилова Баҳринисо Туйчиевна, диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишоро дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) мавриди ташхис қарор дода, хулосаи хешро ба тариқи зайл манзур менамояд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати Каримзода Мусо Бобишоро дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» ба ихтисос ва соҳаи илме, ки диссертатсия аз рӯйи он барои баррасӣ ва ҳимоя пешниҳод гардидааст - 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пурра мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо ба таҳқиқ ва баррасӣ намудани ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Ислоҳоти соҳаи маориф солҳои 1991–2021 дар Тоҷикистон бо шароити мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардид. Аз як тараф, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйири сохтори идоракунии давлатӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонӣ, аз ҷониби дигар, зарурати мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи нави ҷомеа ва бозори меҳнат, масъалаи таҷдиди куллии муассисаҳои таълимиро ба миён овард. Маҳз дар ҳамин давра, низоми маориф марҳилаҳои муҳимми тағйиротро аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олӣ ва касбӣ гузаронид.

Аҳаммияти мавзуъ, ҳамчунин, дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои ғайридавлатӣ, литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳои хусусӣ ва ҷорӣ намудани низоми таълими салоҳиятнокӣ ва низоми кредитии таҳсилот ба вуҷуд омаданд. Ин равандҳо на танҳо мазмуну мундариҷаи таълим, балки сифати таҳсил, усулҳои идоракунӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисосро ба таври ҷиддӣ тағйир доданд.

Диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», панҷ боб, ёздаҳ зербоб, бахши «Хулосаҳо», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Рӯйхати адабиёт» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 365 саҳифа ва мазмуни диссертатсия аз 331 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 49 ҷадвал ва 15 диаграммаро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 339 номгӯй иборат аст.

Диссертант дар навиштани рисола дар асоси принсипи таърихият, усулҳои аёният, бартарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлил, мушоҳида, дедуксия, индуксия ва монанди онҳоро истифода бурдааст. Ҳамчунин, асоси таҳқиқотро усули проблемавӣ - хронологӣ ташкил додааст, ки он имконият медиҳад, бартариҳои раванди ислоҳоти низоми маорифро, ки дар арсаи байналмилалӣ маҳаки асосии пешрафти ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишварҳо мегардад ва дар низоми маорифи пешрафтаи давлатҳои Аврупо, Амрико ва Федератсияи Россия ҷорӣ гардидааст, муайян намояд.

Инчунин, хусусиятҳои хоси раванди ислоҳоти маорифи Тоҷикистонро, ки маншаъ аз ислоҳоти маорифи умумиҷаҳонӣ мегирад, вобаста ба низоми таҳсилот ва дигаргуниҳои баамаломада корбаст гардидаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи маорифро дар таърихи фарҳанги навини тоҷикон вобаста ба рушди он дар арсаи байналмилалӣ нишон диҳем.

Дараҷаи эътимоднокии диссертатсия дар асоснок будани натиҷаҳои пажуҳиши ниҳоӣ, хулосаҳои назариявию амалӣ, ҳаҷми маводи нашргардида таҷассум гардида,

омӯзишу баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии мавзуъ мувофиқат менамояд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия асосноккунии назариявии методологӣ, кушода додани мафҳумҳои асосӣ вобаста ба роҳандозӣ ва татбиқи таърихи ислоҳоти соҳаи маориф ва рушди он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд. Раванди таҳқиқот оид ба татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот омода шуда, оид ба натиҷаи онҳо хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд.

Ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли таълимашон (давлатӣ ва ғайридавлатӣ) томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ новобаста аз шакли фаъолияташон хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгониҳои илмии диссертатсия ҳадафҳои илмӣ, ки ба дифоъ пешниҳод карда мешаванд, дар таҳияи монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конфренсияҳои илмию амалӣ, таҳияи китобҳо, барнома, дастуру воситаҳои таълимӣ дар муассисаҳои олӣ мақоми арзанда дорад. Ҳамзамон, сабки таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби нигориши диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳқиқ ва таҳлили таърихи раванди ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоию миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 мебошад.

Аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳоди илмию методӣ барои хониши курсҳои махсус доир ба ислоҳоти соҳаи маорифро дар ҳама зинаҳои таҳсилот, алалхусус таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисоси муаллимон, инчунин дар курсҳои асосӣ мавриди истифода қарор гиранд. Дар амалия истифода намудани ислоҳоти соҳаи маориф, ки аз татбиқи низоми нави таълим, аз қабили истифодаи технологияҳои инноватсионии раванди таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пурмаҳсул гардонида, ҳавасмандии омӯзгор ва хонандаро ба дарс зиёд мегардонад. Натиҷаи таҳқиқот ба кормандони соҳаи

маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, алалхусус мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ барои баланд бардоштани сифати кори таълиму тарбия ёрии амалӣ мерасонад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз маҷмуи васеи манбаъҳои расмӣ ва таърихӣ, аз ҷумла асарҳо, суханрониҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, монографияҳо ва маҷмуаҳои илмӣ, диссертатсияҳо ва авторефератҳо, мақолаҳо аз матбуоти даврӣ ва маҷмуаҳои илмӣ ва асарҳои илмии ватаниву хориҷӣ, манбаъҳои интернетӣ васеъ истифода кардааст. Ҳамзамон, интишороти диссертант дар шакли мақолаҳои илмӣ ва иштироки ӯ дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳурӣ нишонаи фаъолият ва ҷиддият дар таҳқиқ буда, ба эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат мекунанд.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Каримзода М.Б. ҳеҷ гуна маълумоти тасдиқнашуда ё беасос ошкор нашудааст. Ҳамаи маълумотҳо бо ишора ба манбаъҳо ва иқтибосҳои дахлдор асоснок гардидаанд.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 60 Тартиби додани дараҷаи илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.1 Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1. Таърихи ватанӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Абдуллоев Маҳмуд Холович, - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ;

-Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

-Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад - доктори илмҳои таърих, и. в. профессор, сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав" тавсия дода шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Қурбонзода Х.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Қурбонова Ш.И.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Қобилова Б.Т.

"30" 03 соли 2026